«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон,
д.и.т., и.в. профессор Назарзода Х.Х.
______________________
«_31_» ____08____ соли 2023

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи "Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) дар кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Ғаюрова Рано Саидмуродовна 07 августи соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2000 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти гумрукӣ хатм намудааст.

Солҳои 2004-2008 ҳамчун ассистенти кафедраи экспертизаи молҳо ва фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли 2008 то инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ фаъолият менамояд.

Аз соли 2009 то соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 12 марти соли 2019, суратҷаласаи №9 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Раҷабова Нурҳаёт Раҷабовна – и.в.дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) - 5 (аъло), фанни таърихи фалсафаи илм - 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Унвонҷу оид ба мавзуи диссертатсионӣ 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулосаҳои зерин баровардa шуд:

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар раванди рушди иқтисодиёти кишвар хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ муҳимтарин воситаи ҳифзи иқтисодиёти он ба ҳисоб мераванд. Аз тарафи дигар, танзим, банақшагирӣ ва идораи хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ вазифаҳои муҳимеро доир ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини бехатарии иқтисодиёт, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ месозанд.

Дар раванди пешбурди фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ ба ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, пешгирии воридоти ғайриқонунӣ ва таъмини рақобатпазирӣ дар қаламрави гумрукӣ, беҳдошти муносибати мутақобила бо дигар кишварҳо, риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи гумрук дода шудааст.

Вазъи муосири иқтисодӣ, омӯзиши нокифояи мушкилоти рушди механизми танзим, ҳавасмандгардонии рушди муносибатҳои байналмилалӣ бо назардошти пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ аҳамияти муҳим дошта, ҳамчунин зарурати таҳқиқоти муфассали мавзӯи интихобшударо тақозо менамояд.

Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро мубрам арзёбӣ меёбад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир ва баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки дар Барномаи рушди танзими хизматрасониҳои гумрукӣ ва хизматрасонӣ барои давраи баррасишавандаи оянда то солҳои 2030 ва Стратенияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаааанд, робита дорад.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот** дар мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди хизматрасониҳои гумрукӣ мавриди таҳқиқ қарор додашуда, роҳҳои муосири ҳалли масъалаҳои онҳо нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муалллиф ба даст омада, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар муайян карда шуда, таснифи намудҳои ин хизматрасониҳо барои таъмини фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ гузаронида шудааст. Вобаста ба ин, хизматрасониҳои гумрукӣ барои пешбурди амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудаанд.

2. Дар асоси таҳқиқ таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шуда, истифодаи он дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Инчунин, тафовут дар таркиби низомҳои гумрукӣ дар амалияи Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷи дуру наздик мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ имкон дод, ки равишҳо ва принсипҳои асосие, ки барои рушди системаи хизматрасонии давлатӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ истифода мешаванд, муайян карда шаванд.

3. Ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда, методологияи идоракунии самарабахши мақомоти гумрук дар асоси истифодаи амсилаи самараноки идоракунӣ ва низомҳои гумрукӣ пешниҳод

гардидааст. Таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон тартиб дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

4. Дар асоси таҳқиқ омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд муайян карда шудаанд. Бо истифодаи ин натиҷаҳо амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст. Натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук имконият медиҳад, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, пурзӯр намудани назорати гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва бехатарии иқтисодии он таъмин карда шуда, рушди муносибатҳои байналилалиро дар соҳаи гумрукӣ дар сатҳи ҷавобгӯи мавҷуда қарор дода шавад.

5. Ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир бо назардошти муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ; самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ; такмил додани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалии мақомоти гумрукӣ; такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук дар самти таъмини риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо; рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук; рушди технологияҳои иттилоотӣ- коммуникатсионии мақомоти гумрук; такмили кор бо кадрҳо; рушди намудҳои муосири экспертиза ва таҳқиқот ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ; такмил додани инфрасохтори гумрукӣ ва ғайраҳо ба сомон расонида шудааст. Инчунин дар асоси таҳқиқи фаъолияти гумрукӣ баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, барои такмили он чораҳои мушаххас бо назардошти истифодаи оқилонаи ин низомҳо пешниҳод гардидааст. Баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи усули PESTLE-таҳлил ба анҷом дода шудааст.

6. Асосноккунии дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар

асоси гузаронидани ҳисобҳои эксперименталӣ ва амсиласозии иқтисодию риёзӣ пешниҳод гардидааст. Самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисматҳои зеринро дар бар мегиранд:

- ✓ таъмини рушди инноватсионии пояи моддию техникии мақомоти гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт;
- ✓ таҳким ва рушди инфраструктураи гумрукӣ бо мақсади истифодаи низомҳои гумрукӣ;
- ✓ дуруст ба роҳ мондани алоқаи мутақобилаи байни мақомоти гумрук, ташкилотҳои нақлиётӣ, терминалҳо;
- ✓ истифодаи самараноки намудҳои махсуси мақомоти гумрукӣ;
- ✓ ташаккул ва рушди хизматрасонии гумрукию терминалӣ;
- ✓ рушд ва мукаммалгардонии сиёсати гумрукӣ;
- ✓ созмон додан ва ҷорӣ намудани гумруки рақамӣ ва ғайра.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- пешниҳоди муқаррароти илмию назариявӣ оид ба моҳияту мазмуни ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар;

- мушаххас гардонидани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосии муайян кардани низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири рушди иқтисодӣ;

- муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқи қонуниятҳои рушди бозори хизматрасонии гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ;

- ошкор намудани тамоюл ва хусусиятҳои рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ;

- таҳия ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили хизматрасонии гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити муосири рушди иқтисодӣ.

## 5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 23 кори илмӣ, аз он ҷумла, 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

1. Ғаюрова Р.С., Назарбекова Н.А. Масоил ва тамоюли рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) 2 (46) / 2023.- С.145-151.(ВАК). ISSN 2308-054X.
2. Ғаюрова Р.С., Ҷаборов А.И. Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) 3(42) / 2022.- С.145-151.(ВАК). ISSN 2308-054X.
3. Ғаюрова Р.С. Низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосир //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) 4/2( 39) 2021.- С.73-83. ISSN 2308-054X.
4. Ғаюрова Р.С. Амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (37) 2021.-С.254-261.ISSN 2308-054X.
5. Ғаюрова Р.С. Баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ(маҷаллаи илмӣ) № 1 (10-11) 2021.-С. 32-40. ISSN 2707-9996.
6. Ғаюрова Р.С., Раҷабова Н.Р. Самтҳои афзалиятноки рушди хадамоти гумрук дар асоси маркетинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №2 (31) 2020.-С.29-35. ISSN 2308-054X.
7. Ғаюрова Р.С., Абдуқодирзода Ҷ.К. Нақши инфрасохтори гумрукӣ дар баландбардории сифати назорати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (28) 2019.-С.47-52.ISSN 2308-054X.
8. Ғаюрова Р.С., Раҷабова Н.Р. Мукаммалгардонии раванди ба ҳудуди гумрукӣ ворид намудани молҳои ҳатман сертификатсияшаванда// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (28) 2019.-С.52-57. ISSN 2308-054X.
9. Гаюрова Р.С., Раджабова Н.Р. Совершенствование порядок ввоза в таможенной территории продукцию, подлежащей обязательной сертификации// Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) №1 (26) 2019.-С.104-109.ISSN 2308-054X.

10. Гаюрова Р.С., Самиев Ф.Б. Организационно-экономические факторы совершенствования развития системы таможенных услуг в Республике Таджикистан. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) №3 (16) 2016.-С.39-45.ISSN 2308-054X.

Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:

11. Гаюрова Р.С., Раджабова Н.Р. Некоторые аспекты улучшения оказания таможенных услуг в условиях цифровизации// Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф" (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе:«ДДТТ», 2022. - 479 с.- саҳ.383-386.

12.Ғаюрова Р.С. Масоил ва тамоюли рушди идоракунии хизматрасониҳои гумрукӣ дар кишварҳои хориҷӣ// Молодёжь и предпринимательство. Материалы 1-го Международного экономического форума студентов и молодых исследователей (г. Душанбе, 21-22 мая 2021г.). -Душанбе, ТГУК-2021. -С.68-70.

13.Ғаюрова Р.С., Кабиров Ҷ.Н. Мафҳум, моҳият ва гуруҳбандии намудҳои хизматрасониҳои гумрукӣ// Самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир. Маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе, 26-27 феврали 2021).-Душанбе: ДДТТ, 2021.-С.81-87.

14.Ғаюрова Р.С., Шарипов И.Д. Усулҳо ва хусусиятҳои муайянкунии кишвари истеҳсолкунандаи мол// Самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир. Маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе, 26-27 феврали 2021).- Душанбе: ДДТТ, 2021.-436 саҳ.-С.78-81.

15.Гаюрова Р.С., Чалишов А.А. Таможенная стоимость товаров и ее проблемные аспекты// Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Сборник материалов VII международной научно-практическая конференция (г.Душанбе 6-7декабря 2019г.).- Душанбе:ТГУК, 2019.-С.256-260.

16.Гаюрова Р.С., Чалишов А.А. Роль таможенных платежей в формирование доходов бюджета государства// Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Сборник материалов VII международной научно-практическая

конференция (г.Душанбе, 6-7декабря 2019г.).- Душанбе:ТГУК, 2019.-С.317-319.
17.Гаюрова Р.С. К вопросу об улучшении таможенного контроля товаров, предметов, транспортных средств в Республике Таджикистан// Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Сборник материалов VII международной научно-практическая конференция г.Душанбе, 6-7декабря 2019г.,).-Душанбе:ТГУК, 2019.-С.439-441.
18.Гаюрова Р.С., Раджабова Н.Р. Основные направления иновационного развития таможенной системы Республики Таджикистан//Развитие иновационной экономики в Таджикистане и Польше. Сборник материалов международной научно- практической дистанционной конференции: под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К.-Душанбе:"ТГУК", 2018. – С.65-66.
19.Ғаюрова Р.С., Ҳикматов С.И., Ҳикматова М.С. Сиёсати гумрукӣ ва нақши он дар таъмини бехатарии озуқаворӣ// Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Сборник материалов VII международной научно-практической конференции: под общей редакции д.э.н., профессора Раджабова Р.К.- Душанбе:ТГУК, 2019.-С.118-120.
20.Гаюрова Р.С., Турсунов Х.М. Декларирование товаров в Республике Таджикистан. Материалы II международной научно-практической конференции". Часть 1. (г.Полтава, 15 апреля 2018г.). – Полтава,2018.-С.60-65.
21.Гаюрова Р.С., Самиев Ф.Б. Некоторые аспекты осуществления таможенно-валютного контроля в Республике Таджикистан// Рушди мақомоти гумрук дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ « (ш.Душанбе, 28 июни соли 2016).-Душанбе,2016. –С.141-151.
22.Гаюрова Р.С., Хикматов С.И. Повышение эффективности использования технических средств таможенного контроля// Мақомоти гумрук ва саҳми он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 20 январи соли 2009).-Душанбе,2009.-С.107-113.
23.Ғаюрова Р.С., Алиев М.Б. Самаранокии истифодаи воситахои техники дар интиколи молу воситахои наклиёт аз сархади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи илмию назарявии ҷумхуриявӣ ба истиқболи арҷгузории соли забони тоҷикӣ ва 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Душанбе, 2 июни соли 2008).-Душанбе:ДДТТ,2008 -С.86-94.

## 6. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;

Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомадаро аз тарафи Раёсати минтақавии гумруки дар шаҳри Душанбе ҳангоми таҳияи барномаҳои танзими фаъолияти гумрукӣ истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Маводи диссертатсияро кормандони хадамоти гумрук ва намояндагони мақомоти давлатӣ ва донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад истифода намоянд. Илова бар ин, натиҷаҳои ба дастовардашуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар раванди таҳияи накшаҳо ва татбиқи ҷобаҷо гузории мақомоти гумрук ва дигар воситаҳои инфрасохтории он, (нақлиёт, алоқа, коммуникатсия ва ғ.) бо мақсади баланд бардоштани накши низоми гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода бурд.

## 7. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ;

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳо дар такмили мукаммалгардонӣ ва муаяйнсозии самтҳои афзалиятнокии истифодаи низомҳои гумрукӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

## Қарори ҷаласаи кафедра

Кафедра пас аз муҳокимаи диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ); шунидани тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Раҷабова Н.Р.; баромади н.и.и. Рустамов Ф.М., н.и.и., и.в., Буриев Л.Ч., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012, маҷлиси кафедраи фаъолияти гумрукӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 23 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор - 20 нафар, зид - нест, бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи кушоди кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 26-уми августи соли 2023, суратҷаласаи №01 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**Д.и.и., и.в.,профессори кафедраи**
**фаъолияти гумруки ДДТТ** **Нидоев Н.Ф.**

**Котиби ҷаласа:**
**муаллими калони кафедраи**
**фаъолияти гумруки ДДТТ** **Назарбекова Н.А.**

***Имзоҳои Н.Ф.Нидоев ва Н.А. Назарбекова-ро тасдиқ мекунам:***

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**